# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – 185 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шоҳзода Г. А. дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба шиносномаи ихтисоси 6.2.1.– Забони тоҷикӣ пурра мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори яке аз шоирони маъруфи адабиёти классикии тоҷик, мутафаккири маорифпарвар Шамсиддин Шоҳин як бахши муҳимми таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ ва намунаи беҳтарини забони адабии тоҷик дар асри XIX ба ҳисоб рафта, дар таҳқиқ ва инкишофи таркиби луғавии забони тоҷикӣ, ва умуман, забоншиносии тоҷик аҳамияти назаррасеро соҳиб аст. доранд.

Таҳқиқи луғавӣ ва сохтории забони осори суханварони классик ва муосири тоҷик ва давраҳои мушаххаси инкишофи он дар чанд даҳсолаи охир таваҷҷуҳи бисёре аз мутахассисони соҳаи забоншиносиро ба худ ҷалб кардааст, ки таҳқиқоти олимон Маъсумӣ Н., Ғаффоров Р., Камолиддинов Б., Сабзаев С., Ҳусейнов Х., Ҳоҷиев С., Анварӣ С., Кабиров Ш., Назарзода С., Султонов М.Б., Қосимов О.Ҳ., Олимҷонов М., Темурова М., Тоирзода А. ва чандин муҳққиқони дигар ба он равона гардидааст.

Хусусиятҳои луғавиву маъноӣ ва функсионалии забони осори суханварони гуногун ва давраҳои мушаххаси рушди забони тоҷикӣ ба таҳқиқ ниёзманд буда, ошкор сохтани вижагиҳои онҳо барои ошкор сохтани тасвири ягонаи рушди забони тоҷикӣ дар тули ҳазорсола хеле муҳим ва созанда ба шумор меравад.

Пажӯҳишоти олимони зикршуда барои рушди забоншиносии тоҷик таълифоти арзанда ва муфид ба ҳисоб меравнад, вале омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи забони адабии тоҷик дар заминаи таҳқиқи забони осори ин ё он шоир ва нависанда барои равшан сохтани раванди рушду такомули забони адабии тоҷик ва меъёрҳои дастуриву калимасозии он хеле муҳим ва арзишманд арзёбӣ мегардад.

Ҳамчунин, диссертатсияи Шоҳзода Г. А. дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» ба қобилияти вожасозиву вожабандии шоири хунарманд Шамсиддин Шоҳин ва

суханварони ҳамзамони ӯ, ба бозтоби сарвати забони мардум дар ашъори шоирони ин давра равшанӣ меандозад.

Ин нуктаҳо имкон медиҳад мо бо итминон изҳор намоем, ки. диссертатсияи Шоҳзода Г.А. дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» аз рӯйи ихтисоси 6.2.1.–Забони тоҷикӣ

чун бахши муҳимми забоншиносии тоҷик актуалӣ ва нав ба ҳисоб меравад ва мубрамияти мавзуи таҳқиқро таъмин месозад. Бо истифода аз осори назариявии соҳаи забоншиносии тоҷик ва маводди фаровони лексикӣ аз осори шоири маъруф Шамсиддин Шоҳин анҷом ёфтани таҳқиқоти мазкур арзандаи таҳсину тасвиб аст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада дар он зоҳир мегардад,** ки таҳқиқи ҷанбаҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин бори аввал дар бахши луғатшиносии забони тоҷикӣ , таҳқиқ мешавад. Дар таҳқиқоти забони тоҷикӣ гурӯҳҳои луғавию маъноӣ, хусусан, дар доираи ҳиссаҳои нутқ (Боби 1) ва категорияҳои лексикологӣ (калимаҳои ҳаммаъно ва зидмаъно, Боби 2) дар мисоли забони ашъори Шамсиддин Шоҳин бори нахуст таҳлилу тасниф шудааст.

Ҳамчунин дар диссертатсия корбурди истилоҳоти гуногуни соҳавӣ дар шеъри Ш.Шоҳин ва муносибатҳои шакливу маъноии вожаҳои тоҷикиву форсиву дарӣ баррасӣ гардидааст, ки бо тозагии худ чун равиши таҳқиқи лингвистӣ аз дигар таҳқиқот тафовут дорад.

**Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд,** дар диссертатсия дар 7 банд муайян гардидааст, ки андешаҳои бунёдан як забон будани тоҷикию форсию дарӣ, нуфузи вожаҳои хосси гуфтори мардум дар назми классикӣ, эҳёи калимаҳои қадимии тоҷикӣ дар шеъри Ш.Шоҳин ва ғ. аз ҷумлаҳои муқарраротӣ муҳими ин диссертатсия ба шумор меравад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Он нукта, ки пажӯҳиш дар диссертатсия дар заминаи назарияҳои илмии забоншиносони тоҷик ва байналмилалӣ ба роҳ монда шудаанд, далели устувори боварибахш будани натиҷаҳои таҳқиқ дар он аст, Мутобиқати сохтор, ҳаҷми маводи таҳқиқ ва муҳтавои диссертатсия, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ ва интишори нуктаҳои мушими он тавассути мақолаҳо метавонад чун нишондиҳандаи дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ пазируфта шавад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсияи Шоҳзода Г.А. дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ин диссертатсия дар мисоли вижагиҳои забони

ашъори Ш.Шоҳин доир ба вазъи забони тоҷикӣ дар охири асри XIX ва аввали садаи XX, таркиби луғавии он, истилоҳоти соҳавӣ ва корбурди унсурҳои забони мардум дар шеъри классикӣ маълумоти муфассалро пешниҳод месозад. Ин нуктаҳо хусусиятҳои забони адабии тоҷикиро дар асри нимаи дуюми асри XIX дар минтақаи Балху Бухоро ошкор месозанд ва барои тавсифи инкишофи забони адабии тоҷик дар ин давра заминаи хуби илмиву амалӣ фароҳам меоваранд.

Мисолҳои дар ин замина ҷамъомада барои гардиши илмии падидаҳои забонӣ, барои таҳияи фарҳанги ин давраи забони тоҷикӣ ва фарҳанги осори шоири маъруф Шамсиддин Шоҳин васеъ ба кор мераванд.

Арзёбии диссертатсияи Шоҳзода Г.А. муайян месозад, ки дар таҳқиқоти мазкур масоили назариявии марбут ба дастур ва вожашиносии забони тоҷикӣ, сарчашмаҳои асосии рушди таркиби луғавии забони тоҷикӣ, омӯзиши истилоҳоти соҳавӣ дар ашъори шоирон барои таҳқиқоти минбаъдаи забони тоҷикӣ ба сифати манбаи муҳим хидмат мекунад. Муқаррароти асосии диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф ба мутахассисон ва алоқамандони забони адабии тоҷик ҳамчун маводи назариявии илмӣ хидмат расонида метавонад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Шоҳзода Г.А. дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» аз муқаддима, 3 бобу 12 фасл ва 22 зерфасл, хулосаҳо, тавсияҳо, феҳристи адабиёт ва рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, дар маҷмуъ 185 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад. Диссертатсия бо шеваи хуби баён, мулоҳизаронии мантиқӣ ва баҳсу муҳокимаҳои илмии ҷолиб ташхис мегардад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии таҳқиқ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми он тибқи талаботи мавҷуда тавзеҳу тафсир ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсияи Шоҳзода Г.А., ки **“Вижагиҳои маъноии ашъори Шамсиддин Шоҳин”** (саҳ. 12-45) ном дорад ва аз 3 фасл иборат аст, масъалаҳои ҷойгоҳи вожаҳои қадимаи тоҷикӣ дар ашъори Ш.Шоҳин (фасли аввал, вожаҳои марбут ба исм, вожаҳои марбут ба феъл, вожаҳои марбут ба зарф), ҷойгоҳи калимаҳои омиёна дар ашъори шоир

(фасли дувум) ва ҷойгоҳи воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол дар ашъори шоир (фасли сеюм) мавриди таҳлилу баррасии муаллифи диссертатсия қарор гирифтааст.

Дар ин қисми диссертатсия муаллиф бо мутахассисони варзидаи соҳаи фразеология аз қабили Носирҷон Маъсумӣ, Воҳид Асрорӣ, Саид Ҳалимов, Саидмурод Ҳоҷиев, Мукаррама Қосимова, Саидқул Сабзаев, Ҳамроҳхон Дӯстзода ва дигарон баҳси илмӣ ороста, сипас ба таҳлилу баррасии фразеологизмҳо ва зарбулмасалу мақолҳои ашъори Шамсиддин Шоҳин, аз он ҷумла, воҳидҳои фразеологии «чашм об додан», «аз раҳи дида ба дил даромадан», «пунбаи ғафлат ба гӯш ниҳодан», «ҷон кандан», «аз шири модар ҳам ҳалолтар будан», «вақти нафас кашидан набудан» (дисс., с. 36) ва зарбулмасалу мақолҳои «аз чумчуқ тарсӣ, арзан макор», «арзанро гунҷишк хӯраду калтакро бедона», «ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампира дар куттӣ кунад» ва ғайраро таҳлил карда, аз эҷодиёти шоир мисолу далелҳои боварибахш пешниҳод кардааст, ба монанди:

“Ҳеҷат аз мардуми дерина наёяд дар гӯш,
Магар ин нуктаи деринаи арбоби хирад:
Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампира дар қуттӣ кунад [145, с.296]” (дисс., с. 39).

Дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «**Гурӯҳҳои луғавии ашъори Шамсиддин Шоҳин**» (саҳ. 46-85) дар 3 фаслу 15 зерфасл вижагиҳои муродифоти луғавӣ дар ашъори шоир (фасли аввал), мавқеи калимаҳои сермаъно ё омонимҳо дар ашъори шоир (фасли дувум) ва мавқеъи калимаҳои зидмаъно дар ашъори шоир (фасли сеюм) мавриди баррасии хеле дақиқу муфассал қарор гирифтааст.

Масалан, дар мавриди *муродифот*, ки муаллиф онҳоро асосан “калимаҳои ҳаммаъно” меномад, дар 7 зерфасл хусусиятҳои сохторӣ, мансубияти забонии ин гурӯҳи калимаҳо ва тааллуқ доштани онҳо ба ин ё он ҳиссаи нутқ аз тарафи унвонҷӯй борикбинона таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар ин доира, муаллиф дар зерфасли “**2.1.1. Вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ - тоҷикӣ**” мисолҳои фаровони боварибахш аз ашъори Ш.Шоҳин пешниҳод мекунад, ки бо ҳам тавассути пайвандаки пайвасткунандаи –у робита пайдо кардаанд: **дард**у **доғ**, **дод**у **фарёд**, **хор**у **хас**, **пар**у **бол**, **ранҷ**у **дард**, **дониш**у **фарҳанг**, **так**у **дав**, **гарми**ву **нармӣ** ва ғ. Чандин маротиба мушоҳида мегардад, ки ба чунин тавзеҳу баррасиҳо муаллифи диссертатсия мулоҳизаҳои ҷолиби забоншиносиро ҳамроҳ месозад, ба монанди: **пар**у **бол** (Дар забон, чи классикӣ ва чи имрӯза, таркиби **бол**у **пар** бештар корбурд доштаасту дорад.

Барои мисол, «Мурғи бе болу паре дидам, дилам омад ба ёд» -и Сайидои Насафӣ"- ро бигирем. Дар ҳар ду маврид дар шеъри Шоҳин ба маънои маҷозӣ истифода шудааст, вале **пару** **бол** (-и маънӣ) тобиши услубӣ гирифтааст. Аз сабаби он ки дар байни ҷузъҳои ҷуфтистеъмол фосила вуҷуд дошта монанди аъзои чидаи ҷумла омадаанд, нахуст **пару** **бол**ро дар радифи ҷуфтҳои ҳаммаъно ҷо додем: Дигар, нишонаи бедавлатӣ чӣ мебошад, Шикаст **болу** фурӯ рехт **пар** ҳумои маро [116-2, с.29] (дисс., с.48).

Дар боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «**Саҳми Шамсиддин Шоҳин дар ғанӣ гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ**» (саҳ. 86-165) дар 6 фаслу 4 зерфасл муаллиф таҳлили баъзе калимаҳои ашъори шоир (фасли аввал) ба шакли муносибати вожаҳо дар забонҳои тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ дар заминаи истифодаи онҳо дар шеъри Ш.Шоҳин, масъалаҳои ҷойгоҳи вожаҳои забон ва сухан дар ашъори шоир (фасли дувум), истилоҳоти забоншиносӣ дар ашъори шоир (фасли сеюм), истилоҳоти мусиқӣ дар ашъори шоир (фасли чорум), нақши воситаҳои тасвир дар таркибсозии забони ашъори шоир (фасли панҷум) ва бозтоби ганҷинаи вожагони забони ашъори Ш.Шоҳиро дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (фасли шашум) мавриди таҳлилу тафсир ва арзёбӣ қарор додааст.

Муаллифи диссертатсия бо ҷусторҳои хеш малакаҳои шоир Ш.Шоҳинро дар илми забоншиносӣ низ муайян намуда, чандин истилоҳи ин соҳародар "Куллиёт" шоир пайдо кардаву тасниф намудааст: "Аз мутолиаи Куллиёти шоир ба ин натиҷа расидем, ки ӯ чун шогирди мадраса аз навъҳои гунугуни илм огоҳӣ доштааст. ... Дар зимни «Ҳикоят бар сабили тамсил»... бо истилоҳоте вохӯрдем, ки онҳоро ин гуна ба гурӯҳҳо тақсим намудем:

1. Истилоҳҳои овошиносӣ (фонетика)**: мудғам, ҳарф.**

2. Истилоҳҳои сарф(морфология): **исм** (исм ниҳодан), **асмо** (асмои куллӣ, асмои ҷузъӣ), **мусаммо**.

3. Истилоҳҳои навҳ (синтаксис), **иборат** (ибораги зишт), **ҷумлаи тавсиф**." (дисс., с.1336-137).

Дар диссертатсияи Шоҳзода Г.А. дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» дар 14 банд дар асоси мисолҳои муътамад аз осори Ш.Шоҳин муқаррароти асосӣ ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф ба шакли хулоса фароҳам оварда шудаанд. Дар бахши пешниҳодҳо, ки аз 7 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди фаъолияти илмиву амалӣ оварда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Увонҷӯйи дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

чоп расидаанд. Маводи нашршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи номзадии Шоҳзода Г.А. дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маънoии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд:

1.Дар диссертасия ҳамчун асосҳои назариявии таҳқиқ таълифоти Ш.Рустамов, Б.Камолиддинов, Ҳ.Маҷидов, Д.Хоҷаев, А.Мирзоев, С.Раҳматуллозода, Ж.Гулназарзода, О.Ҳ.Қосимов, С.Анварӣ низ дар фасли "Асосҳои назариявии таҳқиқ" бояд зикр мегардид.

2.Дар диссертатсия ҳамгунӣ дар сабти номи олимону мутахассисон дида намешавад, гоҳо ному насаб пурра дода мешавад, гоҳу насаб бо ҳарфи аввали ном, ки ин равиш мувофиқи матлаб нест. Баъзан истилоҳоти забоншиносӣ низ ҳамгун нашудаанд, ба монанди "муродифот" ва "калимаҳои ҳаммаъно" (дар мундариҷаи Боби 2).

3.Бобҳои диссертатсия бо бахши ҷудогонаи хулоса таъмин нагардидааст.

4.Дар диссертатсия истилоҳоти "сермаъно" ва "омоним" то ба охир шарҳу тавзеҳи худро наёфтаанд (с.60-65).

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, арзиши умумии диссертатсияро коста намесозад.

**Қисмати хотимавии тақриз**. Диссертатсия бо услуби илмӣ таҳия гардида, дар он пайдарпайии қисматҳо риоя гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд, диссертатсия кори анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Дар умум, диссертатсияи номзадии Шоҳзода Г.А. дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маънoии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» ба

талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1.–Забони тоҷикӣ пурра сазовор аст.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи назария ва амалияи забоншиносии**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои**
**хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода**
**Қосимов Олимҷон Ҳабибович**

**Нишонӣ:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак 2,
М-16, бинои 8, хуҷраи 58.
**Тел.**: (+992) 937693333.
**E-mail**: olimjonk@yandex.ru

Имзои О.Ҳ. Қосимовро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Нишонӣ:** 734019, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
**Тел.**: (+992-37) 232-50-00; 232-50-03.
**E-mail**: ddzt@ddzt.tj
«30» марти соли 2026.